ДОНИШГОҲИ АГРАРИИ ТОҶИКИСТОН
БА НОМИ ШИРИНШОҲ ШОҲТЕМУР

ТДУ: 619:616.002.05-07/982.21:636.2 (575.3)
ТКБ: 48.7+48.75 (2 тоҷик)
Р-12

Бо ҳуқуқи дастнавис



РАБИЕВ ҲАБИБУЛЛО МАҲМАДУЛЛОЕВИЧ

МУКАММАЛГАРДОНИИ ТАШХИСИ ТАФРИҚИИ БЕМОРИИ СИЛИ ЧОРВОИ КАЛОНИ ШОХДОР БО ИСТИФОДА АЗ УСУЛҲОИ МУОСИР ДАР МИНТАҚАИ КӮЛОБИ ВИЛОЯТИ ХАТЛОН

АВТОРЕФЕРАТИ
диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ветеринарӣ аз рӯйи ихтисоси 06.02.02 - Микробиологияи ветеринарӣ, вирусшиносӣ, эпизоотология, занбурӯғшиносӣ бо заҳрзанбурӯғшиносӣ, масуниятшиносӣ

Душанбе - 2025

Таҳқиқот дар Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур ба иҷро расонда шудааст.

Роҳбари илмӣ: **Раҳматзода Наҳтулло Раҳмат -** доктори илмҳои биологӣ, мудири кафедраи микробиология ва эпизоотологияи Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур.

Муқарризони расмӣ: **Ҳабибов Абдуҷалил Халилович** – доктори илмҳои ветеринарӣ, ходими пешбари илмии озмоишгоҳи бемориҳои бактериявӣ ва зоонозҳои Институти тибби ветеринарии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон;

Шарипов Маҳмадулло Азизович – номзади илмҳои ветеринарӣ, мудири кафедраи тибби байтории Донишгоҳи давлатии Данғара.

Муассисаи пешбар: Институти масоили амнияти биологӣ ва биотехнологияи Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон.


Ҳимояи диссертатсия «___» _____ соли 2025, соати 10:00 дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6Д.КОА-039 дар назди Институти тибби ветеринарии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон баргузор мегардад.

Нишонӣ: 734005, Душанбе, кӯчаи Қаҳҳоров, 43, (992)37 2275192.

Бо рисола ва автореферат дар китобхонаи Институти тибби ветеринарии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон, дар сомонаи интернетии www.instveterinari.tj, дар сомонаи расмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон шинос шудан мумкин аст.

Автореферат “____” _____ 2025 фиристода шудааст

Котиби илмии
Шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои
ветеринарӣ



Ҳасанов Ф. Д.

Муқаддима

Мубрамии мавзуи тадқиқот. Гумон меравад, ки бемории сил дар рӯйи замин баробари пайдоиши инсон пайдо шудааст ва ҳамчун бемории хафвноки муолиҷанашаванда ба шумор мерафт.

Барангезандаи ин беморӣ микроби қаламчамонанд буда, ба ҷинси *Mycobacterium* мансуб мебошад. Айни замон се намуди барангезандаи ин бемор маълум аст:

1. *M. tuberculosis* (барангезанда сили одамон);
2. *M. tuberculosis* bovis (барангезанда сили ЧКШ);
3. *M. tuberculosis* avium (барангезандаи сили паранда).

Аммо бояд қайд кард, ки дар ҳолати табиӣ сироятёбии тарафайни ин барангезандаҳо аз имкон берун нест.

M.tubercullosis - барангезандаи асосии бемории сили одамон мебошад, аммо ин ангеза метавонад бемории силро дар приматҳо, сагҳо, тӯтиҳо ва як қатор ҳайвонот, ки бо инсон муносибати наздик доранд пайдо кунад. Ин қаламчаҳои рост ё каме каҷшуда мебошад (дарозиашон аз 1,3 то 6 мкм ва қутрашон аз 0,2 то 0,6 мкм). Баъзан шаклҳои хеле кӯтоҳ ё баръакс дароз бо сохтори нахмонанд ё дар баъзе ҳолатҳо бо контури чиндор мушоҳида мешаванд.

Mycobacterium bovis ангезандаи асосии бемории сил дар чорвои калони шохдор ба ҳисоб меравад. Бо вуҷуди ин, ин микроорганизм метавонад боиси ин беморӣ дар дигар намудҳои ҳайвоноти хонагӣ ва ёбоӣ, инчунин дар инсон, маймунҳо, тӯтиҳо ва дар баъзе ҳолатҳо дар парандагони ёбоии дигар гардад.

Ҳуҷайраҳои *M. bovis* шакли чӯбча доранд каме каҷ ё рост буда, нӯги онҳо борик ва гирд аст (дарозӣ аз 1,5 то 4 мкм ва ғафсӣ аз 0,3 то 0,6 мкм). Ин бактерияҳо ҳаракат намекунанд ва спора ҳосил намесозанд.

Mycobacterium avium ангезандаи асосии бемории сил дар парандагони хонагӣ ва ёбоӣ мебошад. Ин ангеза метавонад хукҳо ва камтар чорвои калони шохдорро сироят кунонад. Дар одамон бошад, ин барангезанда метавонад бемории вазнинро ба амал орад.

Якбора афзудани шумораи беморӣ ва фавти баланд аз он дар асри XVIII-XIX ба чашм мерасид, ки аз ҳафт як нафар дар Аврупо аз ин беморӣ ба марг дучор мешуд. Дараҷаи фавти аз ҳама баланд аз бемории сил дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва гуруснагӣ ба қайд гирифта шуда буд [3,4,6,8,10,11].

Ҳамин тавр, дар асри XIX инсоният ҳангоми амалиёти ҷангӣ, яъне аз тиру туфанг, агар 16 млн аҳолиро аз даст дода бошад, пас ин нишондод аз бемории сил ду маротиба зиёд мебошад. Агар дар даври ҷанги ҷаҳонӣ фақат Россия дар майдони амалиёти ҷангӣ 1 млн. 700 ҳазор нафарро аз даст дода бошад, бемории сил ҷони 2 млн. аҳолиро қурбони худ гардонида буд. Бемории сил аз вабо ҳам хафвноктар

ҳисобида мешуд. Дар ҳақиқат, агар дар солҳои 1908-1909 дар Петербург ҳангоми эпидемияи вабо 7071 одам ба ҳалокат расида бошад, ин нишондод аз бемории сил ба 11 ҳазор нафар расида буд. Бемории вабо кайҳо аз байн бурда шудааст, аммо бемории сил ҳамчун қотили хавфнок то ҳол боқӣ мондааст [1, 2, 5, 7, 9, 12].

Ҳоло бемории сил дар тамоми гӯшаву канори ҷаҳон мушоҳида мешавад. Тибқи маълумоти пешниҳоднамудаи Созмони умумиҷаҳонии тандурустӣ, дар соли 2020 шумораи бештари ҳолатҳои нави мубталошавӣ ба сил дар кишварҳои минтақаи Осиёи Ҷанубу Шарқӣ ба қайд гирифта шудааст (43%) аз шумораи умумии ҳодисаҳо. Минбаъд минтақаи Африқо бо 25% ва кишварҳои қисми Ғарбии ҳавзаи Укёнуси Ором бо 18% ҳолатҳои нави беморӣ қарор доранд. Умуман, дар соли 2020, 86% ҳамаи ҳолатҳои наве, ки бори аввал ташхис шудаанд, ба ҳисоби 30 давлат рост меояд [13].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (ҶТ) низ ҳамасола бемории сил дар байни одамон ва ҳайвоноти кишоварзӣ хуруҷ карда, нуқтаҳои номусоиди навро ба миён меорад, ки зарурати аз сари нав дида баромадани масоили ташхис ва мукаммалгардонии онро тақозо менамояд.

Коркади илмии проблемаи мавриди омӯзиш. Масоили бемории сил дар замони ҳозира низ бисёр мубрам аст. Ҳамин далел кифоя аст, ки айни замон дар кураи Замин ягон кишваре нест, ки аз ин беморӣ пурра озод бошад.

Бо сабабҳои зиёд гирифтор шудани одамон ба бемории сил ТУТ соли 1993 онро «Хатари умумиҷаҳонӣ» эълон намуд. Зеро мувофиқи пешгӯйии олимону мутахассисони ин соҳа бемории сил дар даҳсолаи оянда 30 млн. нафарро сироят карда метавонад. Феълан 48 млн. аҳолии рӯйи замин ба ин беморӣ гирифтор буда, ҳарсола то 8 млн. ҳодисаи гирифторшавии нав ва 3 млн. фавтидани одамон аз ин беморӣ ба рӯйхат гирифта мешавад.

Ин беморӣ дар байни дигар бемориҳои сирояткунандаи ҳайвонот ва одамон мавқеи хосро ишғол менамояд. Хусусияти ин бемории сироятӣ дар он аст, ки он бисёр вақт ба таври тӯлонӣ гузашта, намуди саририи ҳайвонотро тағйир намедиҳад ва ба маҳсулнокӣ таъсир намерасонад.

Бемории сил дар байни ЧКШ ниҳоят сабук паҳн шуда, бо душвориҳои зиёде аз байн бурда мешавад. Ғайр аз ин, чорвои ба ин беморӣ гирифтор на танҳо чорвои солим, ҳатто одамонро метавонад сироят кунонад. Дар байни бемориҳое, ки ба инсон ва ҳайвонот зараровар мебошанд, бемории сил назар ба дигар бемориҳо ба таври васеъ омӯхта шудааст (Д,Ҷ. Кембел, Р.Т. Маршал, 1984). Бо вуҷуди ин, бемории сил то ҳол як бемории хавфнок ҳисобида мешавад. Дар кишвари мо новобвста, ки чорабиниҳои пешгирӣ аз беморӣ ва

солимгардонии ҳайвонот гузаронида мешавад, ҳолати эпизоотӣ оид ба бемории сили ҳайвоноти калони кишоварзӣ шиддатнок ва ҳалношуда боқӣ мемонад. Дар шароити гузаштан ба муносибатҳои бозорӣ, ташкил кардани хоҷагиҳои фермерӣ ва зиёд шудани миқдори ҳайвонот дар ихтиёри аҳолӣ ин масъала боз ҳам муҳимтар арзёбӣ карда мешавад.

Маълум аст, ки асоси чорабиниҳои пешгирикунӣ ва зиддисилиро ташхиси ин беморӣ ташкил менамояд. Яке аз усулҳои асосӣ барои муайян кардани бемории сил санҷиши дохилипӯстии туберкулинӣ мебошад. Ин усули ташхиси бемории сил асоснок будани худро дар кишвари мо ва берун аз он тасдиқ кардааст.

Вале натиҷаҳо шаҳодат аз он медиҳанд, ки дар бисёр ҳолат ташхиси бемории сил ба воситаи санҷиши туберкулин бо сабаби сенсибилизатсияи ҳайвонот бо микробактерияҳои атипӣ душвор мегардад. Бо ҳамин сабаб дар хоҷагиҳои ба бемории сил мусоид то 50% ҳайвоноти таҳқиқгардида метавонанд мусбат мутаассир гарданд (А.Н. Шаров, 1990; А.Х. Найманов, 1980; Н.П. Овдиенко, 1993; А.Х. Хабибов, Н. Р. Рахматзода, 2014, Ш. Р. Шукурзода, 2021 ва дигарон).

Ин намуд аксуламалҳои парааллергӣ нисбат ба туберкулин ба мавҷудияти антигенҳои умумии барангезандагони бемории сил ва микобактерияҳои атипӣ вобастагӣ доранд (С.Ф. Сатторов, 2012; Х.И. Раҷабов 2018; М.М. Авербах 1988; M. Harboeet et. al. 1979).

Заминаҳои назариявии диссертатсия дар таҳлили маълумоти мавҷудаи соҳавӣ дар самти ташхис ва ташхиси тафриқавии бемории сил, муайянсозии тамоюли паҳншавӣ, роҳҳои пешгирӣ ва мубориза бар зидди беморӣ инъикос меёбад.

Заминаи методологиии кори диссертатсионӣ аз тадқиқоти муҳими илмӣ иборат мебошад, ки ба омӯзиши омилҳои ба вуҷудоварии аксуламалҳои гуногуни аллергӣ, истифодаи усулҳои ташхиси ҳам анъанавӣ ва ҳам муосир, таҳлил ва арзёбии натиҷаҳои бадастомада, инчунин муқоисаи вазъи эпизоотии сил дар чорвои калони шохдор равона шудаанд.

Масоили марбутаи бемории сил ба он водор месозад, ки бояд сабабҳои пайдошавии ин зуҳурот дақиқ омӯхта шаванд, усулҳои нави ташхис дарёфт карда шуда, усулҳои мавҷудаи тафриқасозии аксуламалҳои ғайрихоси туберкулинӣ барои чорво мукаммал гардонида шаванд.

Далелҳои мазкур аз муҳим будани масоили мукаммалгардонии минбаъдаи ташхиси тафриқии сили ЧКШ шаҳодат медиҳад.

Робитаи тадқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳои) мавзуъҳои илмӣ. Тадқиқоти илмӣ дар доираи мавзуи сарбории илмии факултети тибби ветеринарии ДАТ ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур оид ба «Омӯзиши

таъсири микобактерияҳои ғайрисилӣ ва гелминтозҳо дар пайдоиши аксуламалҳои бодигармии туберкулинии чорвои калони шохдор» барои солҳои 2021-2025, инчунин «Барномаи давлатии ҳимояи аҳолӣ аз бемории сил дар ҶТ» барои солҳои 2010-2015, ки аз 30 декабри соли 2009 таҳти №694 ва "Барномаи миллии ҳимояи аҳолӣ аз бемории сил дар ҶТ барои солҳои 2021-2025", ки мутобиқи қарори ҲҶТ аз 27 феврали соли 2021, таҳти № 49 тасдиқ шудаанд, амалӣ гардид.

ТАВСИФИ УМУМИИ ТАДҚИҚОТ

Мақсади тадқиқот. Ҳадафи асосии гузаронидани тадқиқот - омӯзиши ҳолати эпизоотии бемории сили ЧКШ дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон ва мукаммалгардонии усулҳои тафриқасозии аксуламалҳои хос ва ғайрихос (парааллергӣ) нисбат ба туберкулин, ҳамзамон, омӯзиши алоқамандии сили ЧКШ ва одамон дар ҶТ бо истифода аз усулҳои муосир ба ҳисоб меравад.

Вазифаҳои тадқиқот:

1. Омӯзиши сабабҳои пайдоиш ва омилҳои сироятёбӣ аз бемории сил дар байни ҳайвонот дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон;
2. Омӯзиши аҳаммияти иҷтимоии бемории сил ва алоқамандии он бо саломатии инсон дар ҶТ;
3. Таҳқиқ ва таҳлили вазъи эпизоотии бемории сил дар чорвои инфиродии минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон бо истифодаи вояи мувофиқи ППД-туберкулин;
4. Муайянсозии таъсири микобактерияҳои атипӣ ба натиҷаҳои ташхиси ҳайвонот дар хоҷагиҳои мусоид ба сил;
5. Омӯзиши муқоисавии усулҳои ташхиси туберкулинӣ бо истифода аз ППД-туберкулин ва ММҒ (КАМ);
6. Тасдиқи натиҷаҳои тадқиқот тавассути истифодаи усули аксуламали занҷираи полимеразӣ (АЗП).

Объекти тадқиқотро хоҷагиҳои чорводорӣ дар бахши хусусӣ ташкил медиҳад.

Мавзуи тадқиқот: Мукаммалгардонии усулҳои ташхиси бемории сил ва тафриқасозии аксуламалҳои хос ва ғайрихосро ҳангоми истифодаи туберкулин дар бар мегирад.

Навгонии илмии тадқиқот. Дар шароити ҶТ вобастагии ошкор гардидани ҳайвоноти ба туберкулин мутаассиргашта бо ППД-туберкулин барои ширхӯрон дар хоҷагиҳои инфиродии минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон муайян карда шуд. Бо ин мақсад ташхиси якҷоя бо истифодаи ППД-туберкулин барои ширхӯрон ва ММҒ гузаронида шуд, инчунин усули такмилёфтаи гузаронидани озмоиши якваҳта бо ППД-туберкулин барои ширхӯрон ва ММҒ пешниҳод гардид. Дар ҳамин замина барои натиҷагирӣ усули баҳисобгирии фардии натиҷаҳои аксуламалҳои бодигармӣ пешниҳод гардидааст.

Алоқамандии бемории сили ҳайвонот ва сили одамон омӯхта шуд ва тасдиқи натиҷаҳои бадастомада бо истифода аз АЗП амалӣ гардид, ки навгонии тадқиқоти мазкурро инъикос менамояд.

Аҳамияти назариявӣ ва илмию амалии тадқиқот. Аҳаммияти назариявии тадқиқот дар шиносоии омилҳои афзоиши шумораи ҳолатҳои мусбат, ки бо пешгӯии инфиродии майл ба сил дар ҳайвонот алоқаманд аст, муайян кардани миқдори самараноки ППД-туберкулин дар заминаи пайдоиши вокунишҳои аллергӣ дар чорвои калони шохдор, инчунин дар таҳлили муқоисавии арзишмандии ташхисии озмоиши яквақтаи туберкулинӣ бо истифодаи ППД-туберкулин барои ширхӯрон, туберкулин барои парандаҳо ва ММҒ ғайр аз ин, тадқиқот таъриф ва шиносоии хосиятҳои сабти ҳолатҳои мусбат ва пешгирии хавфҳои сил дар гурӯҳҳои алоҳидаи чорвоҳои хусусиро меомӯзад.

Натиҷаҳои тадқиқоти гузаронидашуда бо таҳияи Дастурамал оид ба усули фаврии гузаронидани санҷиши симултании туберкулинӣ барои ташхиси бемории сили ҳайвоноти калони шохдор (аз тарафи ХНДБ ВК ҶТ, 2017 тасдиқ карда шудааст), тарҳрезии патент (TJ 635) оид ба “Тарзи ташхиси бемории сил дар ҳайвоноти калони шохдор”, ки дар Феҳристи давлатии ихтироъҳои Тоҷикистон аз 05.11.2014 ба қайд гирифта шудааст, аҳаммияти амалии тадқиқотро инъикос мегардад.

Натиҷаҳои бадастомада дар ҷараёни тадқиқоти илмӣ метавонанд ҳамчун заминаи таълимӣ барои омодасозии аспирантон, докторантони PhD, довталабони дараҷаҳои илмӣ, инчунин донишҷӯёни ихтисосҳои ветеринарӣ ва биологӣ истифода шаванд.

Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:

1. Таҳлили омилҳое, ки боиси пайдоиши вокунишҳои аллергӣ ва парааллергӣ ҳангоми истифодаи намудҳои гуногуни ППД-туберкулин дар ЧКШ мегарданд;

2. Тадқиқоти муқоисавии сатҳи иттилоотнокии санҷиши ташхисии яквақта бо истифодаи ППД-туберкулин барои ширхӯрон, туберкулин барои парандаҳо, инчунин ППД-туберкулин бо ММҒ;

3. Натиҷаи омӯзиши алоқамандии бемории сили ҳайвоноту одамон ва истифодаи усулҳои муосири ташхисии иловагӣ.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо. Эътимоднокии маълумоти дар рисола бадастомада тавассути гузаронидани тадқиқоти васеи озмоишӣ ва муқоисавӣ, ки ба ташхиси бемории сил равона шудаанд, бо истифодаи усулҳои анъанавӣ ва муосири ташхисӣ, аз ҷумла усули аксуламали занҷирии полимеразӣ (АЗП), таъмин мегардад.

Илова бар ин, эътибори хулосаҳои илмӣ тавассути таҳияи дастури таълимӣ, нашри мақолаҳо дар маҷаллаҳои илмии

тақризшаванда, таҳияи тавсияҳо ва дастурамалҳои методӣ, инчунин гирифтани патент барои ихтироъ тасдиқ карда мешавад.

Мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ. Самти илмии тадқиқот ба бандҳои 5.1 5.5 ва 5.11-и Шиносномаи номенклатураи ихтисосҳои илмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи ихтисоси 06.02.02 – Микробиологияи ветеринарӣ, вирусшиносӣ, эпизоотология, занбӯруғшиносӣ бо захрзанбӯруғшиносӣ ва масуниятшиносӣ мутобиқат мекунад. Ин мувофиқат бо он асоснок мегардад, ки дар кори диссертатсионӣ масъалаҳои марбут ба гузаронидани ташхисҳои озмоишӣ ва усулҳои муайянкунии бемории сил дар чорвои калони шохдор баррасӣ шудаанд.

Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар тадқиқот. Нақшагирӣ ва вазифаҳои гузошташуда дар кори илмии диссертатсионӣ, истифодаи аксуламали занҷирии полимеразӣ ҳамчун усули замонавии ташхис дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳлили омилҳое, ки ба пайдоиши ҳассосияти баланд (гиперҳассосият) дар чорвои калони шохдор ҳангоми истифодаи ППД-туберкулин мусоидат мекунанд; таҳқиқи муқоисавии самаранокии усулҳҳои ташхисӣ ҳангоми гузаронидани ҳамзамонаи санҷиши туберкулинӣ бо истифодаи ППД-туберкулин барои ширхӯрон, туберкулини барои парандаҳо ва ММҒ; такмил ва беҳтарсозии усули ташхиси якҷоя бо истифодаи ППД-туберкулин ва ММҒ; муайянсозии мавҷудияти сироятёбӣ бо микобактерияҳои сили ҳайвонот, инчунин омӯзиши робитаи байни сили инсон ва сили ҳайвонот.

Саҳми муаллиф дар ҷамъоварӣ ва коркарди маводи илмии диссертатсионӣ 88%-ро ташкил медиҳад.

Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия. Маводи рисолаи илмӣ дар ҷаласаҳои Шурои илмии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур (Душанбе, солҳои 2014, 2015, 2016 - 2021), инчунин дар конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Тараққиёти чорводорӣ-асоси таъминоти бехатарии озуқаворӣ», бахшида ба 70-солагии факултети зооинжинерӣ (2014), конференсияи илмӣ- истеҳсолии олимони ҷавон таҳти мавзуи «Саҳми олимони ҷавон дар тараққиёти илми кишоварзӣ (Душанбе, солҳои 2014 - 2021), конференсияи илмӣ бахшида ба 85 - солагӣ ва 90 - солагии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур (Душанбе, 2016, 2021) баррасӣ ва муҳокима карда шуданд.

Интишорот аз рӯйи мавзӯи диссертатсия. Ҳолатҳои асосии кори диссертатсионӣ ва пешниҳодҳои амалӣ дар 15 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ интишор гардидааст.

Мақолаҳо дар маҷаллаҳои маҷмӯи мақолаҳои ДАТ ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур (Душанбе, солҳои 2014-2024), маҷаллаи илмӣ - истеҳсолии «Кишоварз» (Душанбе, солҳои 2014-2024), ҳамзамон маҷмуи мақолаҳои конференсияи илмӣ дар мавзуи «Масоили муосири пешгирӣ ва муолиҷаи бемориҳои ҳайвонот» (2017), конференсияи илмӣ дар мавзуи «Масоили муҳимми пешгирӣ ва муолиҷаи ҳайвонот» (2014) ва конференсияи илмӣ бахшида ба 85 - солагии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур ба нашр расонида шудаанд. Инчунин аз Маркази миллии патенту иттилоот дар мавзуи “Тарзи ташхиси бемории сили чорвои калони шохдор” нахустпатент TJ№635 гирифта шуд.

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия. Диссертатсия дар 141 саҳифаи матни компютерӣ таҳия шуда, аз 11 ҷадвал, 9 тасвир ва 5 диаграмма иборат аст. Рӯйхати адабиёт ба 166 манбаъ шомил аст, ки 112-тои онҳо ба забони русӣ ва 54-тои онҳо ба забонҳои хориҷӣ мебошанд.

Сохтори кори диссертатсионӣ аз муқаррароти муқаддимавӣ, шиносоии адабиёт, тавсифи мавод ва усулҳои тадқиқоти шахсӣ, баррасии натиҷаҳо, хулосаҳо, пешниҳодҳои амалӣ, рӯйхати адабиёт ва замима иборат аст.

Дар замима ҳуҷҷатҳое оварда шудаанд, ки аҳаммияти илмӣ ва амалӣ ва арзиши диссертатсияро тасдиқ мекунанд.

МУҲТАВОИ АСОСИИ ТАДҚИҚОТ

Мавод ва усулҳои таҳқиқот. Корҳои илмӣ-тадқиқотӣ, ҷиҳати ташхисҳои бодигармӣ, ташхисҳо бо истифода аз усулҳои муосир ва таҳлили маълумотҳо бо усулҳои оморӣ ва эпизоотологӣ бо истифода аз усул ва маводи аз ҷониби умум қабулшуда гузаронида шуд. Ташхисҳои бодигармӣ дар чорвои инфиродии минтақаи вилояти Хатлон бо мақсади муайян намудани бемории сил ва омӯзиши мавҷудияти хавфи алоқамандии бемории сили ҳайвонот ва одамон бо истифода аз усули аксуламали занҷираи полимеразӣ гузаронида шуд.

Барои гузаронидани таҷрибаҳои саҳроӣ дар ЧКШ аз ППД – туберкулин барои ширхӯрон, ППД –туберкулин барои парандагон ва ММҒ (КАМ) истифода бурда шуд. Барои гузаронидани санҷиши дохилипӯстии туберкулинӣ аз сӯзанҳои барои тазриқ (инъексия) - и дохилипӯстӣ ва сорангҳои ҳаҷмашон 1-2 мл ё инъекторҳои бесӯзани БИ-7 истифода бурда шуд. Сорангҳо ва сӯзанҳо дар оби муқаттар ё оби ҷӯшидаистода тамйиз карда шуданд.

Ҳайвоноти мутаъассиргашта онҳое ҳисоб карда шуданд, ки ғафсии чини пӯсти онҳо (баъд аз 24, 48 ва 72 соат) 3 мм ва аз он зиёдтар буд.

Нишондодҳои дар раванди тадқиқот бадастовардашуда ба таври математикӣ, бо усули омори вариатсионӣ коркард карда шуданд.

Тафтиши муқоисавии санҷиши симултаниро бо ППД – туберкулин барои ширхӯрон ва парандагон ва ин санҷишро бо ММҒ дар чорвои калони шохдори 4 хоҷагӣ гузаронидем, ки дар онҳо сенсибилизатсияи ҳайвонот ба микобактерияҳои бемории сили парандагон ё микобактерияҳои атипӣ муқаррар карда шуда буд.

Бо мақсади тасдиқи натиҷаҳои бадастомада аз усули аксуламали занҷираи полимеразӣ (АЗП) истифода шуд.

НАТИҶАҲОИ ТАДҚИҚОТ

Масоили пайдоиши бемории сил дар байни ҳайвонот ва аҳаммияти иҷтимоии он дар ҶТ

Дар шароити имрӯза дар ҶТ якчанд омилҳое мавҷуданд, ки ба рушди соҳаи чорводорӣ хатар эҷод мекунанд. Яке аз ин омилҳо хуруҷи бемориҳои сироятӣ, бахусус зоонозҳо ва нокифоя будани хӯроки чорво аз сабаби дигаргуншавии иқлим ва гарм омадани сол мебошад.

Тибқи маълумоти Кумитаи бехатарии озуқавории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тӯли 18 сол дар 1175 сар чорвои калони шохдор бемории сил ошкор шудааст.

Тибқи маълумот мавҷудаи оморӣ дар ҷумҳурӣ дар давоми 18 сол аз соли 2000 то 2018, 32 нуқтаи номусоиди бемории сили чорвои калони шохдор муайян карда шудааст, ки аз ин шумора дар солҳои 2002 ва 2007 сатҳи баландтарини гирифторшавӣ ба ин беморӣ мушоҳида шудааст.

Мавриди зикр аст, ки бемории сил на танҳо ба соҳаи чорводории ҷумҳурӣ зарари калони иқтисодӣ мерасонад, балки метавонад барои солимии ҷомеа хатари калон дошта бошад.

Тибқи маълумоти Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии ҳифзи аҳолӣ аз бемории сил» дар Тоҷикистон дар соли 2018, 83039 нафар одамон мавриди таҳқиқ қарор гирифтанд ва нисбат ба 4867 (5,9%) нафари он ҳолатҳои гирифторшавӣ ба бемории сил ба қайд гирифта шуд. Ҳамзамон, дар ин давра 158196 намунаҳои амрозӣ бо мақсади муайян намудани бемории сил ташхиси микроскопӣ гузаронида шудааст, ки дар 8824 (5,6%) намуна барангезандаи беморӣ дарёфт гардидааст.

Дар соли 2019 18952 нафар одамон мавриди таҳқиқ қарор гирифта, аз 1461 (7,7%) нафари онҳо ҳолатҳои мусбат ба қайд гирифта шуд. Инчунин, 32465 намунаҳои амрозӣ аз ташхиси микроскопӣ гузаронида шуда, 2186 (6,7%) ҳолатҳои мусбат ба қайд гирифта шуд.

Дар соли 2020 31190 нафар одамон аз тадқиқот гузаронида шуданд, ки дар натиҷа 1590 (5,1%) ҳолатҳои бемории сил ба қайд гирифта шуда, дар ин замина 55525 намунаҳои амрозӣ аз ташхиси микроскопӣ гузаронида шудаанд ва дар 2849 (5,1%) намунаҳои амрозӣ барангезандаи беморӣ ба қайд гирифта шуд.

Дар соли 2021 аз шумораии умумии нафарони таҳқиқгардида, ки 18651 нафарро ташкил медиҳанд, дар байни 1905 (10,2%) нафар беморӣ муайян карда шуд. Ҳамзамон, дар ин давра 29312 намунаи амрозӣ аз ташхиси микроскопӣ гузаронида шуда, дар 2707 (9,2%) намуна барангезандаи беморӣ муайян гардид.

Дар соли 2022, 15,800 нафар озмоиш карда шуданд, ки аз онҳо 1,441 (9,1%) натиҷаи мусбат муайян гардид. Илова бар ин, бо усули микроскопӣ 22345 тадқиқот гузаронида шуд, ки дар рафти он дар 1935 намуна (8,7%) натиҷаи мусбӣ муайян шуд.

Дар соли 2023, 17235 нафар аз тадқиқот гузашта, нисбат ба 1162 (6,7%) нафари он натиҷаи мусбат ба қайд гирифта шуд. Инчунин 25641намунаи амрозӣ аз ташхиси микроскопӣ гузаронида шуда, нисбат ба 1306 (5,1%) намунаи он натиҷаи мусбат муайян гардид. Дар давраи соли 2024, 16493 нафар аз тадқиқот гузашта, нисбат ба 1078 (6,5%) нафари он натиҷаи мусбат ба қайд гирифта шуд. Инчунин 26183 намунаи амрозӣ аз ташхиси микроскопӣ гузаронида шуда, нисбат ба 1156 (4,4%) намунаи он натиҷаи мусбат муайян гардид.

Натиҷаҳои ташхиси бемории сил дар байни одамон дар диаграммаи 1 оварда шудааст.



Диаграммаи 1. – Тадқиқоти микроскопии бемории сил дар байни одамон дар ҶТ

Таҳлили маълумот оид ба тадқиқоти микроскопии бемории сили одамон (диаграммаи 1) шаҳодат аз он медиҳад, ки бемории мазкур тайи солҳои охир тамоюли рӯ ба коҳишёбӣ дорад, ки ин пеш аз ҳама, аз болоравии сатҳи дониши аҳолӣ оид ба бемории мазкур ва

беҳдошти зиндагии онҳо, ҳамзамон риояи қоидаҳои беҳдоштӣ шаҳодат медиҳад.

Таҳлилҳо нишон доданд, ки таърихан робитаи байни ҳайвонот ва инсон ҳамеша қавӣ буда, яке аз омилҳои асосии пайдоиши бемории сил дар байни одамон, ҳайвонот ба шумор мераванд.

Бо дарназардошти робитаи зичи байни ҳайвонот ва инсон, хатари гузариши сироят аз ҳайвонот ба одамон ҳамеша вуҷуд дорад. Аз ин рӯ, татбиқи назорати мунтазами ветеринарӣ, гузаронидани ташхисҳои бодигармӣ ва озмоишгоҳӣ, инчунин баланд бардоштани сатҳи огоҳии соҳибони чорво ва аҳолӣ дар бораи роҳҳои сироят ва пешгирии беморӣ барои таъмини амнияти озуқаворӣ ва саломатии ҷомеа аҳаммияти калидӣ дорад.

Истифодаи вояи муносиби ППД-туберкулин дар чорвои ба бемории сил мусоид

Омӯзиши вояи мувофиқи ППД –туберкулинро барои ширхӯрон мо дар деҳоти ба бемории сил мусоид дар ноҳияи Фархор, ки дар онҳо сенсибилизатсия тавассути микобактерияҳои ғайрисилӣ муқаррар карда шудааст ва дар хоҷагиҳои оид ба бемории сил номусоиди Тоҷикистон гузаронидем.

Ҳангоми тадқиқоти ППД –туберкулин барои ширхӯронро дар қисми миёнаи сеюми гардан ба миқдори 10000 ВБ ва 5000 ВБ (монотест) гузаронидем ва пас аз 72 соат натиҷагирӣ намудем. Мутаассир он ҳайвоноте ҳисоб карда шудаанд, ки чини пӯсти онҳо ба 3 мм ва аз он зиёдтар шуда буд.

Натиҷаҳои бадастовардашудаи тадқиқот дар ҷадвали 1 нишон дода шудаанд.

Ҷадвали 1.- Омӯзиши вояи мувофиқи ППД –туберкулин дар чорвои инфиродии ҷамоатҳои деҳоти ба бемории сил мусоид дар н. Фархор

Номи ҷамоати деҳот	Гурӯҳи ҳайвонот	Вояи туберкулин (ВБ)	Шумораи ҳайвоноти таҳқиқшуда	Мутаассиргаштанд		Шиддатнокии аксуламал (M+m)
				Миқдор	%	
Ватан	1	10000	176	2	1,1	$4,3^{+}$ 0,5
Гулшан	2	5000	170	-	-	-
Дарқад	3	10000	220	3	1,3	$4,3^{+}$ 0,5
Зафар	4	5000	146	-	-	-
Ҳамагӣ			**712**	**5**	**-**	**-**

Таҳлили маълумотҳои ҷадвал нишон дод, ки вақте ки ППД-туберкулин ба ширхӯрон дар вояи 10000 ВБ гузаронида мешавад, фоизи ҳайвоноте, ки аксуламал ба туберкулин доранд, аз 1,1 то 1,3 фоизро ташкил медод. Дар айни замон, истифодаи вояи 5000 ВБ дар ҳайвонҳое, ки ба туберкулин ҳассосанд, осебҳоро ошкор накардаанд.

Омӯзиши сенсибилизатсияи ҳайвонот аз ҳисоби микобактерияҳои ғайрисилӣ

Тадқиқот дар ду деҳоти оид ба бемории сил мусоиди ноҳияи Ҳамадонӣ гузаронида шуд. Тибқи тадқиқоти то ин давра гузаронидашуда муқаррар карда шуда буд, ки ин деҳот нисбат ба бемории сил мусоид мебошад ва сабаби ошкор шудани ҳайвоноти ба туберкулин мутаассирбуда, сенсибилизатсияи чорвои калони шохдор бо микобактерияҳои атипии гурӯҳи IV аз рӯйи таснифоти Ранион ба ҳисоб меравад.

Дар вақти гузаронидани тадқиқоти ҳайвонот ППД – туберкулин барои ширхӯронро дар ҳар як гурӯҳи ҳайвонот дар қисми мобайнии сеяки гардан аз тарафи рост – 10000 ВБ, аз тарафи чап – 5000 ВБ гузаронидем.

Натиҷаҳои бадастомадаи тадқиқот дар ҷадвали 2 нишон дода шудаанд.

Ҷадвали 2. - Омӯзиши вояи мувофиқи ППД –туберкулин барои ширхӯрон дар деҳоти ба бемории сил мусоиди ноҳияи Ҳамадонӣ, ки сенсибилизатсияи ҳайвонот тавассути микобактерияҳои ғайрисилӣ муқаррар карда шудааст

Гурӯҳи ҳайвонот ва номи деҳа	Вояи туберкулин (ВБ)	Шумораи ҳайвоноти таҳқиқшуда	Мутаассир шуданд		Шиддатноки аксуламал (M^{+})
			Миқдор	%	
Деҳоти Меҳнатободи ноҳияи Ҳамадонии вилояти Хатлон					
1 Гулистон	10000	145	49	24,8	$5,6^{+}$-0,8
2 Дӯстӣ	5000	133	18	13,5	$5,6^{+}$-0,8
Деҳоти Даштигулои ноҳияи Ҳамадонӣ					
1 Файзобод	10000	238	64	26 ,9	$4,6^{+}$-0,3
2 Тагноб	5000	150	23	15,3	$5,6^{+}$-0,8
Ҳамагӣ:		388	87	-	-

Дар асоси маълумотҳои ҷадвали 2, дар минтақаҳои мусоид дар ҳайвонот, ки бо микобактерияҳои ғайрисилӣ сенсибилизашудаанд, аксуламал ба туберкулин дар муқоиса бо истифодаи ППД-туберкулини стандартӣ барои ширхӯрон дар миқдори 10 000 ВБ ба таври назаррас баландтар аст.

Хусусан, ҳангоми таҷрибаҳо дар 145 сар ЧКШ дар деҳоти Мехнатобод, Гулистон ва Дӯстӣ (ноҳияи Хамадонӣ) 36 сар гов (24,8%) реаксияи шадид (50,6±0,8 мм) ба ворид кардани ППД-туберкулин дар миқдори 10 000 ВБ нишон доданд. Ҳамзамон, вақте ки воя то 5 000 ВБ кам карда шуд, натиҷаҳои мусбӣ танҳо дар 18 сар чорво (13,5%) мушоҳида шуда, аксуламал ба таври назаррас заифтар буд (5,0±0,8 мм).

Натиҷаи монанд, дар ҷамоати деҳоти Даштигуло (деҳаҳои Файзобод ва Тагноб) мушоҳида шуд, ки дар он 238 сар ЧКШ санҷида шуд ва аксуламали мусбӣ бо вояи 5 000 ВБ дар 64 гов (26,9%) бо миёнаи шиддати 4,6±0,3 мм қайд гардид.

Дар маҷмӯъ, дар рафти тадқиқот 666 сар чорво бо истифодаи ду вояи туберкулин (10 000 ва 5 000 ВБ) санҷида шуд, ки натиҷаҳои мусбат дар 154 сар сабт гардид. Маълумоти бадастомада нишон медиҳад, ки миқдори мавод таъсири назаррас ба фоиз ва шиддати ҷавобҳои иммунии организм гузоштааст.

Таҳлили маълумотҳо нишон дод, ки дар ҳайвоноте, ки бо микобактерияҳои атипӣ сенсибилизатсия шудаанд, шиддатнокии аксуламали ба туберкулин нисбат ба чорвои гирифтори бемории сил баробар аст. Бо вуҷуди ин, муайян карда шудааст, ки дар ҷамоатҳое, ки ҳассосият ба қайд гирифта шудааст, аксуламали пӯст аксар вақт дар шакли ғафсшавии қабати пӯст то 3,5 мм зоҳир мешавад. Дар ҳолати бемории сил, афзоиши майдони аксуламал то 3 мм ё бештар аз он аломати номусоид ҳисобида мешавад.

Таҳлили муқоисавии нақшаҳои гуногуни туберкулинизатсияи ҳамзамонӣ бо ППД-туберкулинҳо барои ширхӯрон, парандагон ва ММҒ

Дар асоси арзёбии аҳаммияти ташхисии усули тадқиқоти ҳамзамон, чор хоҷагии чорводорӣ, ки расман ба гурӯҳи минтақаҳои мусоид аз сил шомил мебошанд, вале бо ҳолатҳои муайяншудаи сенсибилизатсия ба микобактерияҳои ғайрисилӣ, таҳқиқ карда шуданд. Дар ин хоҷагиҳо санҷишҳои ЧКШ бо истифодаи усули ҳамзамон гузаронида шуданд, ки дар он ППД-туберкулини стандартӣ ва ММҒ истифода шуданд. Ин тадқиқот имкон дод, ки таҳлили муқоисавии ду маводи ташхисӣ дар шароити эҳтимолии сенсибилизатсияи қаблӣ бо микобактерияҳои ғайрисилӣ гузаронида шавад.

Натиҷаҳо дар ҷадвалҳои 3 ва 4 нишон дода шудаанд.

Ҷадвали 3. - Натиҷаҳои таҳқиқи чорвои калони шохдор бо санҷиши симултанӣ тавассути ППД –туберкулинҳо

№	Аллергенҳо дар вояи (ВБ)	Миқдори ҳайвонот и таҳқиқшу да	Миқдори ҳайвоноти ба аксуламалҳои туберкулинӣ мутаассиршуда				Саҳеҳии фарқият дар аксуламалҳо
			+ –	+	-	=	
Деҳоти Ватани ноҳияи Фархор							
1	ППД- шх-10000 ППД- пр-10000	60	15	4	11	-	Саҳеҳ
2	ППД- шх-50000 ППД- пр- 50000	30	8	2	2	4	Носаҳеҳ
3	ППД-шх- 2500 ППД-пр- 2500	45	9	5	4	-	Носаҳеҳ
4	ППД-ШХ-10000 ППД-пр-2500	15	7	2	5	-	Носаҳеҳ
Деҳоти Дарқади ноҳияи Фархор							
1	ППД-шх-10000 ППД-пр-5000	55	11	10	1	-	Носаҳеҳ
Деҳоти Хутани ноҳияи Фархор							
1	ППД-шх-10000 ППД-пр- 5000	31	15	8	3	4	Носаҳеҳ
2	ППД-шх-10000 ППД-пр- 5000	40	18	12	6	5	Носаҳеҳ
Деҳоти Гулшани ноҳияи Фархор							
1	ППД-шх-10000 ППД-пр- 5000	75	46	25	11	10	Носаҳеҳ
2	ППД-шх-10000 ППД-пр- 2500	76	42	23	10	9	Носаҳеҳ
Ҳамагӣ:		427 сар					

Факту рақамҳои ҷадвал нишон медиҳанд, ки ҳангоми азназаргузаронии 427 сар чорвои калони шохдор дар 9 гурӯҳи чорвои ҷамоатҳои деҳот дар як вақт санҷиши туберкулин бо истифодаи ППД-

туберкулин барои ширхӯрон ва парандахо дар вояи гуногун) танҳо дар як гурӯҳ 11,1 фоиз натиҷаҳои мувофиқ дод. Ин ҳолат дар деҳаи Ватани ноҳияи Фархор ба қайд гирифта шуд, ки дар он ҷо ҳангоми истифодаи санҷиши ППД бо миқдори 10 000 ВБ барои ҳарду намуди туберкулин аксуламалҳои якхела ба даст омадаанд.

Дар гурӯҳҳои боқимонда натиҷаҳо носаҳеҳ буданд, баъд дар ин чор хоҷагӣ тадқиқоти якзайл бо ППД-туберкулин барои ширхӯрон ва ММҒ гузаронида шуд.

Натиҷаҳои бадастовардашуда дар ҷадвали 4 нишон дода шудаанд.

Ҷадвали 4. - Маълумоти муқоисавии санҷиши ҳамзамон бо истифодаи ППД –туберкулин барои ширхӯрон ва ММҒ

№	Аллергенҳо дар вояи (ВБ)	Миқдори ҳайвоноти таҳқиқ шуда	Миқдори ҳайвоноти ба аксуламал мутаассиршуда				Саҳеҳии фарқият дар аксуламалҳо
			+_	+	-	=	
Деҳоти Ватани ноҳияи Фархор							
1	ППД-шх- 10000 ММҒ (КАМ) - 1350вт	112	26	4	14	8	Саҳеҳӣ нисбат ба ММҒ
Деҳоти Даркади ноҳияи Фархор							
	ППД-шх-10000 ММҒ (КАМ) - 1350вт	72	8	5	3	-	Носаҳеҳ
Деҳоти Хутани ноҳияи Фархор							
1	ППД-шх-10000 ММҒ (КАМ) - 1350вт	66	12	2	5	5	Носаҳеҳ
Деҳоти Гулшани ноҳияи Фархор							
1	ППД-шх-10000 ППД-шх-10000 ММҒ (КАМ) - 1350вт	89	46	23	17	6	Саҳеҳ
Ҳамагӣ:		339 сар					

Аз нишондодҳои ҷадвал чунин бармеояд, ки дар вақти гузаронидани тадқиқоти 339 сар ЧКШ дар чорвои инфиродии 4

ҷамоати ноҳияи Фархор ба бемории сил мусоид аксуламали саҳеҳ нисбат ба ММҒ (КАМ) дар ду хоҷагӣ (33%) ба даст оварда шудааст.

Истифодаи якҷояи ППД-туберкулин барои ширхӯрон ва ММҒ дақиқии баландтари ташхисро дар муқоиса бо истифодаи ППД-туберкулинҳои барои ширхӯрон ва туберкулинҳои паранда дар вояҳои гуногун нишон доданд.

Аксари аксуламалҳо ба сӯи ММҒ гузаронида мешаванд, ки ин имкон медиҳад, ки фарқияти дақиқи чорвои сироятшуда ва канорагирӣ аз куштори аз ҳад зиёд шавад. Усул ба он асос ёфтааст, ки танҳо он ҳайвоноте, ки ба ППД-туберкулин барои ширхӯрон аксуламали равшан нишон медиҳанд, бидуни муайян кардани ҳолатҳои ҳассосияти баробар ба туберкулин ва ММҒ барои забҳ фиристода мешаванд.

Усули пешниҳодшудаи санҷиши ҳамзамонӣ барои амалияи ҳаррӯзаи байторӣ мутобиқ карда шудааст. Моҳияти он дар раванди ташхиси думарҳилаи дохилипӯстӣ аст. Ташхис дар ду марҳила гузаронида шуд: аввал ворид кардани ППД-туберкулин ба зери пӯст ва арзёбӣ пас аз 72 соат, баъд барои ҳайвоноти бо аксуламали мусбӣ, ППД-туберкулин ва ММҒ дар тарафи муқобили гардан (фосила 10-15 см) ворид карда шуд, ки варамиро ҳангоми ташаккул ёфтани шиддатгирии >2 мм пас аз 72 соат аз истифодаи мавод тафтиш кардем.

Усули фаврии санҷиши симултании туберкулинӣ бо ППД –туберкулин барои ширхӯрон ва ММҒ (КАМ)

Тадқиқот барои арзёбии усули фаврии санҷиши симултании туберкулинӣ бо истифода аз ППД-туберкулин барои ширхӯрон ва ММҒ (КАМ) амалӣ гардид. Мақсади асосӣ — баланд бардоштани дақиқӣ ва самаранокии ташхиси сил дар чорвои калони шохдор, кам кардани шумораи ҳайвоноти беасос барои забҳ фиристодашуда ва таҳияи тарзи амалӣ ва иқтисодии мувофиқ барои ташхиси тафриқавии беморӣ мебошад.

Тадқиқот дар чорвои калони шохдори чор деҳоти мусоиди ноҳияи Фархори вилояти Хатлон («Дарқад», «Хутан», «Ватан» ва «Гулшан») гузаронида шуд. Ҳамагӣ 844 сар чорво (339 бо усули муқаррарӣ ва 505 бо усули фаврӣ) аз ташхис гузаронида шуданд. Барои муқоиса ду усул истифода гардид:

1.Усули муқаррарии санҷиши симултанӣ – воридкунии ППД-туберкулин барои ширхӯрон ва ММҒ (КАМ) ба ду тарафи гардан;

2.Усули фаврии санҷиши симултанӣ, ки тибқи он ҳайвонот аввал бо туберкулин санҷида мешаванд ва пас аз 72 соат танҳо ба ҳайвоноти мусбат ҷавобдода дар тарафи дигари гардан ППД-туберкулин ва ММҒ (КАМ) ворид мегардад.

Натиҷаҳо пас аз 72 соати такрор ба ҳисоб гирифта шуданд. Аксуламали мусбат ҳамчун ғафсии пӯст аз 2 мм зиёд арзёбӣ гардид.

Ҷадвали 5. - Натиҷаи омӯзиши муқоисавии санҷиши симултании туберкулинӣ бо истифодаи ППД –туберкулин барои ширхӯрон ва ММҒ ҳангоми усули муқаррарӣ

№ р/т	Хоҷагиҳо	Миқдори ҳайвонот и таҳқиқшуда	Мутаассир гаштанд				Баҳодиҳии аксуламал
			ҳамагӣ	бо аломати:			
				+	-	=	
а) бо усули муқаррарӣ							
1	Деҳоти Дарқади н. Фархор	72	8	5	3	-	Носаҳеҳ
2	Деҳоти Хутани ноҳияи Фархор	66	12	2	5	5	Носаҳеҳ
3	Деҳоти Ватани ноҳияи Фархор	112	26	4	14	8	Саҳеҳ
4	Деҳоти Гулшани ноҳияи Фархор	89	46	23	17	6	Носаҳеҳ

Дар натиҷаи санҷиши муқоисавӣ муайян карда шуд, ки усули фаврии симултанӣ нисбат ба усули муқаррарӣ самаранокtар мебошад.

Ҷадвали 6. - Натиҷаи омӯзиши муқоисавии санҷиши симултании туберкулинӣ бо истифодаи ППД –туберкулин барои ширхӯрон ва ММҒ ҳангоми усули фаврӣ

№ р/т	Хоҷагиҳо	Миқдори ҳайвоноти таҳқиқ шуда	Мутаассир гаштанд				Баҳодиҳии аксуламал
			ҳамагӣ	бо аломати:			
				+	-	=	
б) бо усули фаврӣ							
1	Деҳоти Ватани ноҳияи Фархор	115	10	1	9	-	Саҳеҳ
2	Деҳоти Дарқади ноҳияи Фархор	136	10	1	8	-	Саҳеҳ
3	Деҳоти Хутани ноҳияи Фархор	112	10	2	7	1	Саҳеҳ
4	Деҳоти Гулшани ноҳияи Фархор	142	17	12	3	2	Носаҳеҳ

Бо усули муқаррарӣ аксуламали саҳеҳ нисбат ба ММҒ (КАМ) танҳо дар 25% ҳолатҳо ба даст омад, дар ҳоле ки бо усули фаврӣ – дар 75% ҳолатҳо (се маротиба зиёдтар).

Динамикаи аксуламалҳои туберкулинӣ нишон дод, ки шумораи зиёдтари ҳайвоноти мусбат пас аз 24 соати воридкунии такрорӣ муайян мешаванд, ва баъди 48–72 соат тадриҷан коҳиш меёбанд. Бо ин асос, ҳисобгирии натиҷаҳо пас аз 48–72 соат мувофиқ шуморида мешавад.

Ҷадвалҳои муқоисавӣ нишон доданд, ки истифодаи усули фаврии симултанӣ имкон дод, ки саршумори ҳайвоноти беасос барои забҳ пешниҳодшуда 5,5 маротиба кам гардад. Дар натиҷаи татбиқи ин усул дар хоҷагиҳои минтақаи Кӯлоб 42 сар чорвои калони шохдор аз забҳи нолозим нигоҳ дошта шуданд.

Омӯзиши алоқамандии сили одамон ва сили ҳайвонот

M. bovis барангезандаи асосии бемории сили чорвои калони шохдор ба шумор меравад ва бинобар зарари иқтисодии сироятҳо дар ин замина он дар чорводорӣ мавриди таваҷҷуҳи хоса қарор гирифтааст. Пайдоиши бемории сил тавассути барангезандаи *M. bovis* дар байни одамон дар баъзе кишварҳо сирояти рӯ ба инкишоф мебошад.

Тадқиқотро мо дар ҳамкорӣ бо мутахассисони Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии ҳифзи аҳолӣ аз бемории сил» дар давраи солҳои 2018-2020 дар минтақаҳое, ки одамон ба бемории сил гирифтор шудаанд, амалӣ намудем.


Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар солҳои 2018-2022 дар ҶТ 133181 нафар одамон таҳқиқ карда шуда, 7918 одамони ба беморӣ гирифторшуда ба қайд гирифта шуданд, ки 5,9 %-ро ташкил медиҳанд.

Барои муайян кардани хусусияти беморӣ ва робитаи эҳтимолии байни сили чорво ва сили одам, дар марҳилаи аввали тадқиқот аз ҳайвоноти сироятшуда намунаҳои амрозӣ ҷамъоварӣ карда шуданд. Ташхис бо усули аксуламали занҷири полимеразӣ (АЗП) гузаронида шуд, ки имкон медиҳад ангезандаи сирояткунанда бо дақиқии баланд муайян карда шавад. Пас аз он намунаҳо аз одамони гирифтори бемории сил бо истифода аз аксуламали занҷири полимеразӣ барои муайян кардани табиати ангезанда санҷида шуданд. Натиҷаҳои тадқиқот дар ҷадвали 7 оварда шудаанд.

Ҷадвали 7. - Омӯзиши алоқамандии сили одамон ва ҳайвонот дар ҶТ

№	Намунаҳои амрозӣ	Миқдори намунаҳо	Намуди барангезандаи муайяншуда		
			M.bovis	*M.tuberculosis*	Мавҷудияти омехтаи баранегезандаҳо
1	Одамони ба бемории сил гирифтор	25	3	22	-
2	Чорвои ба бемории сил гирифтор	28	25	3	-
Маҷмӯъ		**53**	**28**	**25**	**-**

Дар натиҷаи типизатсияи намуди барангезандаи беморӣ, ки дар байни одамон ва ҳайвонот бемориро ба вуҷуд овардааст, дар 3 намунаи амрозӣ барангезандаи бемории сили намуди *M. bovis* ва дар 22 намунаҳои амрозӣ барангезандаи бемории сили намуди *M. tuberculosis* ба қайд гирифта шуд. Тадқиқоти гузаронида шаҳодат аз он медиҳад, ки барангезандаи бемории сили ҳайвонот намуди *M. bovis* метавонад бемориро дар байни одамон ба вуҷуд биёрад.



Диаграммаи 2. – Нишондоди алоқамандии сили одамон ва сили ҳайвонот дар ҶТ

Инчунин, дар натиҷаи тадқиқот муайян карда шуд, ки дар намунаи амрозии аз чорвои калони шохдор ҷамъоваришуда дар 25 намуна барангезандаи бемории сил намуди *M. bovis* ва дар 3 намуна барангезандаи бемории сил намуди *M. tuberculosis* муайян карда шуд.

Ҳолати ба миёномада тадқиқоти дақиқ ва омӯзиши манбаи асосии бемориро талаб менамояд.

Таъминоти шир аз модаговҳои бемор ба аҳолии атрофи шаҳру ноҳияҳо хатари паҳншавии мустақими бемории силро ё тавассути шир ё тавассути ҳаво, ба сокинони ба миён меорад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки асоси мубориза бар зидди бемории сили чорвои кишоварзӣ дар манотиқи осебпазири вилояти Хатлон маҳдуд кардани ҳаракати ҳайвонот мебошад.

Тасдиқи натиҷаҳои бадастомада бо истифода аз усули аксуламали занҷираи полимеразӣ (PCR)

Бо мақсади тасдиқи натиҷаҳои корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва муайян намудани намуди барангезандаи бемории сил аз усули муосири аксуламали занҷираи полимеразӣ истифода намудем.



Барои муайян намудани барангезандаи бемории сили ЧКШ - *M. bovis* интихобан аз 10 сар чорво, ки ҳангоми ташхиси аллергенӣ бо истифода аз ППД - туберкулин натиҷаи мусбат нишон додаанд, намунаҳои хун гирифта шуда, тадқиқот гузаронида шуд.

Тест-системаи истифодашуда барои ошкор ва тафриқа кардани КДН-и (ДНК) *Mycobacterium bovis ва Mycobacterium tuberculosis* дар культураҳои микобактерияҳо, инчунин маводи амрозӣ аз ҳайвонот (хун, наҷосат, луоби бинӣ ва ҳалқ, луобҳои бинӣ ва бронхаҳо, гиреҳҳои лимфавӣ, порчаҳои узвҳои дохилӣ) пешбинӣ шудааст.

Тест-система имкон медиҳад, ки ду намуди микобактерияҳое, ки барои ҳайвонот ва одамон махсусан хавфноканд, аз дигар намудҳо, микобактерияҳои ба ном «ғайрисилӣ», ки патологияро ба вуҷуд намеоранд ва дар айни замон зиёда аз 130 намуди онҳо мавҷуданд, фарқ карда шавад.

Таҳлили ошкор ва тафриқаи *M. bovis* ва *M. tuberculosis* ҷудокунии КДН-и умумӣ, амплификатсияи порчаҳои мушаххаси КДН дар ду марҳила (ба истилоҳ «лонагӣ») АЗП ва гел дар электрофорезро дар бар мегирад.

Барои ошкор кардани *M. bovis* дар намунаҳои амрозӣ, КДН аз гомогенатҳои бофта ва хун, аз ҳайвоноте, ки ҳангоми ташхиси аллергенӣ нисбат ба *M. bovis* мусбат буданд, ҷудо карда шуд.

Расмҳои 1-2: Ҷараёни ҷудосозии КДН барои ташхс бо усули АЗП

Асосан бо мақсади ташхис, аз чорвои инфиродии шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон намунаҳои амрозии узвҳои паренхиматозӣ, хун ва наҷосат аз чорвои калони шохдор, ки ҳангоми ташхисҳои аллергенӣ бо ППД-туберкулин натиҷаи мусбат нишон дода буданд, ҷамъоварӣ ва мавриди ташхис бо усули аксуламали занҷираи полимеразӣ қарор дода шуданд.

Намунаҳои амрозӣ аз чорвои бемори ҶДММ «Р. Давлатов»-и ноҳияи Рӯдакӣ аз 26 сар, ки бо вояи 10000 ВБ (МЕ) ППД-туберкулин ҷавоби мусбат нишон доданд, инчунин аз ҶДММ ба номи “50-солагии октябри” шаҳри Ҳисор аз 44 сар чорво, ки бо вояи 10000 ВБ (МЕ) туберкулин ҷавоби мусбат нишон доданд, аз тадқиқот гузаронида шуданд.

Ҷадвали 8. – Ташхиси бемории сил бо усули АЗП дар чорвои калони шохдор, ки ҳангоми ташхисҳои аллергенӣ бо ППД-туберкулин натиҷаи мусбат нишон доданд


Номи хоҷагӣ	**Миқдори намунаҳо**	**Натиҷаҳои ташхис бо усули АЗП**		
		M. bovis	***M. tuberculosis***	**Мавҷудияти омехтаи баранегезандаҳо**
«Р. Давлатов»-ин. Рӯдакӣ	26	24	2	-
Хоҷагии ба номи «50-солагии октябри» ш. Ҳисор	44	38	6	-
Ҳамагӣ	**70**	**62**	**8**	**-**

Маълумоти дар ҷадвал пешниҳодгардида шаҳодат аз он медиҳад, ки истифодаи усули муосири аксуламали занҷираи полимеразӣ (АЗП) бо тест - системаҳои хос тамоми саршумори чорвои сироятнокро дақиқ муайян менамояд. Инчунин истифодаи усули АЗП имконият медиҳад, ки намуди барангезандаи беморӣ муайян карда шавад.




Расми 3: Ҷараёни гузоштани ташхис бо АЗП

